*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

Аз таҳқиқоти муаллиф - Давлатзода Дилшод Шералӣ бармеояд, ки масоили хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон) мубрам арзёбӣ гардида, дар шароити муосири иқтисодӣ аҳамияти хосса пайдо намудааст. Дар умум гуфтан мумкин, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рушдёбанда ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ниёз дорад. Дар шароити рақобати шадиди байналмилалӣ барои ҷалби сармоя, таҳқиқи омилҳои муассир ва монеаҳои мавҷуда аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои калидии аграрӣ ва саноатии кишвар дорои захираҳои бузурги табиӣ ва меҳнатӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, сатҳи ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар ин минтақа ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ истифода нашудааст.

Сиёсати давлатии сармоягузорӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ба беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ равона шудааст. Қабули қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ барои дастгирии сармоягузорони хориҷӣ заминаи ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Аммо масъалаҳои марбут ба инфрасохтор, дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва хавфҳои иқтисодӣ то ҳол боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи таҷрибаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар сатҳи минтақавӣ муҳим мебошад.

Вилояти Хатлон бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва имкониятҳои рушди соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва саноати коркард дорои иқтидори калон аст. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳиши сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ такон мебахшад. Таҳқиқи хусусиятҳои минтақавии ҷалби сармоя имконият медиҳад, ки стратегияҳои самараноки рушди иқтисодӣ таҳия карда шаванд.

Дар шароити татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла саноатикунонии босуръат, нақши сармоягузории хориҷӣ боз ҳам меафзояд. Омӯзиши омилҳои таъсиррасон ба қарори сармоягузорони хориҷӣ барои интихоби вилояти Хатлон аҳамияти назаррас дорад. Ҳаминтавр, натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифи диссертатсия Давлатзода Д.Ш. метавонанд барои

такмили сиёсати сармоягузорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа истифода шаванд. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи рушди иқтисоди миллӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди таҳқиқот, дар автореферат баъзе нуктаҳои ҷузъии такмилталаб мавҷуданд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии рисола таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд минбаъд такмил дода шаванд:

1. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар роҳҳои мукаммалнамоии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар вилояти Хатлон механизми тадбиқро пай дар пай возеҳ ва равшантар ифода мекард (саҳ. 35).
2. Муаллиф дар саҳ. 24, ҷадвали 6 оид ба "Динамикаи сармоягузориҳои хориҷии мустақим ба вилояти Хатлон дар сатҳи мамлакатҳои шарик дар солҳои 2015-2023" оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф соҳаи сармоягузоришавандаро низ дар ин саҳифа таҳлил мекард.

Эродҳои баёнгардида дорои хусусияти тавсиявӣ буда, сатҳи аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи муҳтавои автореферат ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи илмӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар қоидаҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Давлатзода Дилшод Шералӣ барои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи молия ва суғуртаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна**

**Дурустии имзои "Улуғхоҷаева Х.Р."-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Телефон: +992 37 227-15-10,
Факс: +992 37 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
Сомона: http://www.tnu.tj